**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)**

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таърихи сеҳазорсола дошта, фарогири адвори мухталиф аст ва ҳар як давра вобаста ба авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ дорои вижагиҳои хос аст. Барои кулли муҳаққиқин равшан аст, ки роҷеъ ба зиндагинома ва шеъри яке аз шоирони барҷастаи адабиёти муосири Эрон Аҳмади Шомлу дар имтидоди замон, дар дохил ва хориҷи кишвар, бавижа дар Эрон мақолаҳову китобҳо ва осори илмии арзишманде таълиф ёфтааст, ки намунаи комили онҳо дар диссертатсияи мавриди назар истифода шуда ва аз онҳо дар ин диссертатсия ёд шудааст. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди назар ба яке аз масоили мубрами ашъори А. Шомлу, яъне гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии ӯ бахшида шуда, он фарогири муҳимтарин вижагиҳои шеъри шоир аст.

Воқеан, таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур муҳимму дархӯри таваҷҷуҳ буда, дар адабиётшиносии муосири Эрону Тоҷикистон нақши калидиро ифо мекунад. Маҳзи хотири ин, аз сӯйи диссертант мавриди таҳқиқи густурдаи илмӣ қарор гирифтани мавзуи мазкур, иқдоми шоиста ва қобили таҳсин аст. Дар ин замина, ба муаллиф муяссар шуда, то аз равишҳои маъмули муосир истифода ва дунёи ҷадидеро дар таҳқиқоти хеш биофарад.

Тибқи автореферат, диссертатсияи мавриди назар дорои муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт буда, дар маҷмуъ 178 сафиҳаи чопиро дарбар мегирад.

Бар асоси автореферати диссертатсия, муаллиф дар муқаддимаи диссертатсияи мазкур роҷеъ ба аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ,

вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва илмии таҳқиқ ва дигар масоили муртабит ба диссертатсияи илмиаш маълумот дода ва атрофи сохтори рисола низ таъкид варзидааст.

Тавре ишора рафт, диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна аз се боб иборат буда, дар онҳо мавзуоти зерин: «**Авзои сиёсӣ-иҷтимоии Эрон дар солҳои чилуми асри XX**», «**Зиндагинома ва мероси Аҳмади Шомлу**» ва «**Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу**» мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд, ки ҳар кадом дорои зермавзуоти алоҳида мебошанд.

Аз таҳқиқоту баррасии мавзуоти мазкур бармеояд, ки муаллифи рисола ба умқи масъала ворид шуда, кори хешро бо маҳорати воло иҷро кардааст.

Дар хулосаи диссертатсияи мавриди дифоъ бошад, роҷеъ ба тамоми бахшҳои диссертатсия ва муҳимтарин масоили таҳқиқёфта дар он, маълумот дода шуда, бо овардани далелҳову мушаххасот ин бахшро муваффақона анҷом додааст.

Хулосаҳои автореферати мазкур гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки диссертатсияи мавриди назар, ба таври комил анҷомёфта буда, дорои вижагиҳои ба худ хос аст ва метавонад дар рушди адабиётшиносӣ, махсусан шеъри муосири форсии тоҷикӣ пурарзиш бошад ва ҳамчунин барои мутахассисон ва пажӯҳишгарону донишомӯзони риштаи забон ва адабиёт хеле муфид бошад.

Дар баробари дастовардҳои сершумор, дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзе камбудҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз он ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба назар мерасанд ва хуб мешуд бо як ишора иктифо кард.

2. Дар зикри номи шоир гуногуннависӣ ба назар мерасад, яъне дар бештар ҳолат А. Шомлу, дар бархе ҳолат Аҳмади Шомлу ва дар камтар маворид Аҳмад Шомлу омадааст. Хубтар мебуд, ки яксон оварда мешуд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ,
сардори раёсати магистратура,
аспирантура ва докторантура (PhD)-и
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қосимзода С.С.
«30» апрели соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимова, бинои 64/8, ҳуҷраи 11
Тел.: (+992) 93-583-76-76
E-mail: soleh_76@mail.ru

Имзои Қосимзода Солеҳ Салимро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Т.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Телефон: (+992-37) 221-50-83; факс: 227-71-00.
Сомонаи расмӣ: www.amit.tj
«30» апрели соли 2025.